# ПРОТОКОЛИ № 42
## ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

**аз** 25.12.2025 **ш.Душанбе**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро 16 нафар

**Раиси шуро:** Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2025, №171/шд тасдиқгардида 16 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи: “Хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ д.и.б., профессор Исмоилов Махсатулло Исроилович ва аъзои комиссия д.и.к., Султонова М.Ҳ., н.и.к. Мубалиева Ш.М. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи: “Хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш”, ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи: “Хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст, шунида баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи: “Хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шаркӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

-**Бобозода Илҳомҷон Абдушукур** - доктори илмҳои биологӣ, мудири кафедраи ботаникаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

-**Шомамадова Зубайда Дустмамадовна** - номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табии-риёзии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

3. **Ба сифати муассисаи пешбар** факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев таъин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва Комисияи олиии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 03 марти соли 2026, соати $14^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор-16 нафар, муқобил-нест, бетараф-нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор — Салимзода А.Ф

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ — Пӯлотова Ш.С.